**«Тасдиқ мекунам»**
ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, д.и.т., профессор Ғаффорӣ Н.У. ____________
«__» ________________ соли 2019.

**ХУЛОСАИ**

кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Назирқулов Тағаймурод Абдурасулович дар мавзӯи «Технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08. - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ

Дар давоми омодасозии диссертатсия Назирқулов Тағаймурод Абдурасулович аспиранти шуъбаи гоибонаи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ буда, дар кафедраи филологияи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ (аз соли 2007 то 2015) ва минбаъд дар кафедраи филологияи англиси Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (аз 2015 то инҷониб) кору фаъолият намудааст.

Соли 2007 Назирқулов Т.А. факултети забонҳои романию германии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро хатм карда, дорандаи дипломи дараҷаи олӣ аз рӯи ихтисоси “муаллими забонҳои фаронсавӣ-англисӣ” гашт.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ таҳти №04/33, аз 27 июни соли 2018 аз ҷониби Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дода шудааст.

Мавзӯи диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 26 марти соли 2014, таҳти № 5\6 тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмӣ – Файзализода Ҷумахон Хол, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардидааст.

**Аз рӯи натиҷаҳои муҳокимаи диссертатсияи Назирқулов Т.А. чунин хулоса карда шуд:**

Диссертатсияи Назирқулов Тағаймурод Абдурасулович ба омӯзиши масъалаи «Технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ” бахшида шудааст.

**Мубрамияти таҳқиқот** бо он муайян мегардад, ки кори мазкур дар таърихи навини Тоҷикистони соҳибистиқлоли барояш тағйироти амиқи иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангию ҷамъиятӣ хос, нисбати раванди илмӣ-таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ талаботи ҷиддиро ба миён мегузорад ва фароҳам овардани шароити сатҳи баланди омодагии касбии омӯзгоронро таъмин менамояд. Ҳавасмандии давлат ба ин равандро қабул ва татбиқи санадҳои консептуалӣ: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Барномаи давлатии рушти таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои даҳсолаҳои охир, Стандартҳои давлатии таҳсилот ва ғайра, ки мақсад ва вазифаҳои рушди фазои таҳсилотро муайян менамоянд, тасдиқ менамояд.

Фарҳанги педагогӣ дар фаъолияти касбӣ ба омили асосӣ ва аз ҷиҳати касбӣ аҳамиятнок мубаддал гардидааст ва унсури муҳими омодасозии касбии мутахассиси оянда ва шарти зарурии тарбияи ҳаматарафа ва рушди касбию шахсияти ӯ маҳсуб меёбад, ки дар фарогирии салоҳиятҳои умумӣ ва касбӣ зоҳир мегардад.

Ҷузъи муҳими таркибии ин раванд фарҳанги ахлоқӣ мебошад, ки он аз маҷмӯи сифатҳои ҳамгирои шахсияти омӯзгор ҳамчун фарогирандаи донишҳои ахлоқӣ, арзишҳои ахлоқӣ ва идеалҳо, принсипҳои ахлоқии рафтори касбӣ иборат аст ва чунин шахсият қодир ба рефлексияи педагогӣ мебошад.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқоти** мазкурро асарҳои илмию назариявии олимони хориҷ: А. Дистервег, Я.А. Коменский, М. Монтен, Ж.Ж. Руссо, Афлотун, А. Швейсер, Ш.А. Амонашвили, Ю.Н. Кулютун, В.А. Сухомлинский, М.В. Кларин, В.П. Беспалко, Г.К. Селевко, И.А. Зимняя, В.А. Кан-Калик, С. Макаренко, А.К. Макарова, А.В. Мудрик, В.А. Сластёнин, А. Сухомлинский, К.Д. Ушинский ва дигарон дар таълимоти фалсафие, ки моҳияти мафҳумҳои «этика», «ахлоқ», «одоб», «фарҳанг»-ро ошкор менамояд; - консепсияҳои маълумоти педагогӣ; - идеяи фаъолият; - идеяи шахсиятгароӣ; - идеяи инсондӯстӣ; - идеяи низомнокӣ; - идеяи технологӣ; - идеяи ҳамгироӣ; - идеяи аксиологӣ; - бархӯрди салоҳиятнокӣ дар таълим ва тарбияи арзишмандеро анҷом додаанд, ташкил медиҳанд. Дар таҳқиқоти олимони тоҷик С.Н. Алиев, О.Ҳ. Гургулиева, А.Ҷ. Қаюмов, П.Ҷ.

Ҷамшедов, М.М. Утаев, Г.Р. Раҳмонов, М.Т. Менлашев, Х. Сайфуллоев, М. М. Утаев, Р.М.Кучов, З.Х. Сайфуллоева, З.Х. Сайфуллоева ва дигарон ба ҷустуҷӯи роҳҳо ва методҳои самарабахши таълими забонҳои хориҷӣ дар мактабҳои миёна ва олии Тоҷикистон корҳои ҳамчун асоси назариявию методологӣ истифода шудаанд.

Нововарии илмии таҳқиқот ин аст, ки моҳият ва сохтори ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ ошкор карда шуд. Имкониятҳои ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар раванди омӯзиши фанҳои тахассусӣ муайян карда шуданд. Технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар раванди омодасозии касбии онҳо дар муассисаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ коркард шуд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки рисолаи мазкур барои корҳои таҳқиқотии минбаъда нахуст, коркард ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардани технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори ояндаи забони англисӣ дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ ва бо овардани далелҳои муътамад аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардани динамикаи болоравии ташаккулёбии падидаи мазкур аз сатҳҳои пасту миёна ба сатҳи баланд ҳангоми истифодаи натиҷаҳои ташхис дар асоси меъёрҳои когнитивӣ, праксиологӣ ва рефлексивӣ, ки ба муносиб гардонидани раванди омодасозии касбию педагогии мутахассисони оянда мусоидат мекунад. Дуввум, асоснок кардани таъсири маҷмӯи имкониятҳои муайяншуда ба самарабахшии раванди ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори ояндаи забони англисӣ дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ, ки ба рушди назария ва амалияи омодасозии мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ хизмат намоянд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки низоми таҳиягардидаи ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ барои коркарди технологияи махсуси марҳила ба марҳила ташаккул додани раванди мавриди таҳқиқ ҳамчун асос хизмат кард. Самарабахшии методикаи пешниҳодшударо натиҷаҳои татбиқи он дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилотии олии касбии омӯзгорӣ аз рӯи ихтисоси омӯзгори забони англисӣ ва ғайра дар факултети забони англисии Донишгоҳи

давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода тасдиқ менамояд. Маводи методие, ки диссертант таҳия кардааст, имкон медиҳад, ки технологияи махсуси коркардшуда доир ба ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори забони англисӣ дар раванди омодасозии касбӣ ва рушди маданияти педагогии ӯ ба кор бурда шавад.

Муҳтавои диссертатсия дар шакли маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмию назариявии ҳайати профессорону устодони донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор гирифтааст.

Инчунин, аз рӯи мавзӯи рисолаи илмӣ ҷамъ 12 мақола, аз ҷумла шаш мақола дар маҷаллаҳое, ки аз ҷониби КОА ФР ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шудаанд, чоп шудааст.

Таркиби рисолаи илмӣ муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт 201 номгӯй иборат буда, 177 саҳифаи компютериро фаро мегирад. Дар рисола 2 диаграмма ва 5 ҷадвал ҷой дода шудаанд.

Дар **муқаддима** мубрамият, аҳмияти илмию амалии таҳқиқот асоснок карда шуда, мақсаду вазифаҳо, объект, предмет ва мавзӯи таҳқиқот муайян карда шудаанд, фарзия ба таври дақиқ ва мухтасар ифода карда шудааст, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, методҳои тадқиқот нишон дода шудаанд, навгониҳои илмӣ, аҳмияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада инъикос гардидаанд ва масъалаҳои дар ҳимоя тасдиқшаванда баён гардидаанд.

Дар боби якум **«Асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори забони англисӣ»** масъалаи асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори оянда ба ҳайси таркиби ҳамгирои сифатҳои шахсияти омӯзгор, ҳамчун фарогири донишҳои ахлоқӣ, арзишҳо, идеалҳои ахлоқӣ ва принсипҳои азхудкардаи рафтори касбӣ таҳлилу таҳқиқ карда мешавад. Дар зербоби якум **«Асосҳои назариявии ташаккули салоҳиятҳои фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорон дар муассисаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ»** Дар шароити муосир барои ҷомеа омӯзгороне лозиманд, ки дорои маданияти баланд бошанд. Дар солҳои охир, дар кишвари мо консепсияи миллии тарбия шакл гирифта истодааст, ки ба тарбияи инсони соҳибфарҳанг, эътиқодманди арзишҳои умумиинсонӣ ва талош ба ҳамдигарфаҳмӣ бо инсонҳои миллатҳои гуногун дорад, равона гардидааст. Салоҳияти бегона, вақте ки талабот (меъёр) қаблан барои

омодасозии таълимии хонанда, ки барои фаъолияти босифату сермаҳсул дар соҳаи муайяни иҷтимоӣ зарур аст, нишон дода шудааст.

Дар зербоби дуюм «**Имкониятҳои ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ**» Ақидаҳои консептуалии коркардшуда ва методи дар асоси онҳо таҳияшуда рафти корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ доир ба ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисиро дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ муайян ва нишон дода шудааст.

Боби дуюми рисола **«Технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони забони англисӣ»** аз се зербоб иборат мебошад. Дар он диссертант дар асоси таҳлили сатҳи ибтидоии салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ нишон дод, ки ташаккули салоҳияти мазкур дар чаҳорчӯби раванди таълими кредитӣ имконнопазир аст. Ба ин тариқ, зарурати коркарди низоми методие ба миён омад, ки ба дарёфти натиҷаи муносиб доир ба ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар шароити муассисаи таҳсилоти олӣ нигаронида шудааст.

Дар зербоби якум «**Технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони забони англисӣ дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ**» Тарҳрезии технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори ояндаи забони англисӣ дар раванди таълими муассисаи таҳсилоти олӣ: дар навбати аввал, ба кор бурдани усули ҳамгироӣ дар омӯзиши фанҳои гурӯҳи гуманитарӣ («Муқаддимаи фаъолияти педагогӣ», «Педагогика», «Забони тоҷикӣ», «Этикаи касбӣ»); таъмин намудани ягонагии ҷузъҳои иттилооту донишҳо, шахсияту фаъолият ва арзишгароии онҳо; такя ба мухторият, ки мавқеи фардии донишҷӯй дар интихоби стратегияи рафтори касбию шахсиро ифода мекунад, дар навбати дуюм, коркарди методикаи махсуси таълимро талаб менамояд. Асоси ин технологияи педагогирро дар маҷмӯъ фанҳои тахассусӣ, аз ҷумла «Амалияи фонетикаи забони англисӣ», «Амалияи грамматикаи забони англисӣ», «Амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттии забони англисӣ», «Назарияи фонетикаи забони англисӣ», «Назарияи грамматикаи забони англисӣ», «Луғатшиносӣ», «Услубшиносӣ», «Адабиёти Англия ва ИМА» ва фанҳои дигар аз рӯи интихоб, инчунин таҷрибаомӯзӣ муқаррар ва нишон дода шудааст.

Дар зербоби дувум "**Истифодаи салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори забони англисӣ дар фаъолияти амалӣ (дар мактаб)"** дар ин зербоб диссертант ҳолатҳоеро овардааст, ки дар онҳо салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори ояндаи забони англисӣ дар фаъолияти

амалӣ, хусусан дар мактаб, бо меҳмонони хориҷӣ, дар маъракаҳои тӯй, зодрӯз ва дигар ҷашнҳо истифода мешаванд. Хушмуомилагӣ ва дақиқкорӣ аз рӯи формулаҳои этикет ҳамчун ҷузъҳои салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии муошират ба забони англисӣ нишон дода шудааст.

Дар зербоби сеюм “**Раванди озмоишӣ-таҷрибавии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони забони англисӣ дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ ва натиҷагирии он**” Нишондиҳандаҳои меъёр дар раванди назарпурсӣ, мусоҳиба, суҳбат ва таҳлили маҳсули фаъолияти донишҷӯёне, ки яъне омӯзгорониояндаи забони англисӣ дар таҷрибагузаронӣ доир ба ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори забони англисӣ иштирок карданд, ошкор карда шуданд.

Дар охир натиҷаҳои таҳқиқот хулосабандӣ гардидаанд.

Диссертатсияи Назирқулов Тағаймурод Абдурасулович дар мавзӯи «**Технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорониояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ**» ба талаботи КОА-и ҶТ, ба Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионии Комиссияи олии шифри 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) мутобиқат мекунад ва ба ҳимоя пешниҳод мешавад.

Хулоса, дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, суратҷаласаи № 5, аз 19 апрели соли 2019 қабул шудааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 16 нафар.

Қарор бо як овоз қабул шуд.

“Тарафдор” – 16 нафар.

“Зид” – нест.

“Бетараф”- нест.

Мудири кафедраи педагогикаи умумидошгоҳӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ
д.и.п., профессор Иматова Л.
14.05.2019 с.

Суроға: 735025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
тел. моб. 934662002. Суроғаи электронӣ: imatoval@mail.ru
Сомонаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ: www.tgpu.tj